«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**_________ профессор Ғафурзода А.Д.**
**«29» _____апрели_____ соли 2022 с.**

# ХУЛОСАИ
## кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи доктории Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Қувватзода Сайдулло Зувайд ба ҳайси докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Қувватзода Сайдулло Зувайд соли 2012 факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ бо дипломи аъло хатм кардааст (2 июли соли 2012, ДОА №0006654).

Солҳои 2012 – 2016 аспиранти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд.

Соли 2019 дар мавзуи «Сиёсати оби Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ: мушкилот ва дурнамо» диссертатсияи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои сиёсӣ гардид (28 июни соли 2019, №7, ДНИ №0213).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ дар ҷаласаи Шурои олимони факултети дипломатия ва сиёсат аз 15 январи соли соли 2021, №7 ва ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021 №9/9 зери унвони «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Гулмаҳмад Нозимович мебошад.

Қувватзода Сайдулло Зувайд муаллифи зиёда аз 50 илмӣ ва таълимӣ – методӣ мебошад, ки ки аз ин шумора 28 адад дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда барои дарёфти дараҷаи доктори илм нашр гардидаанд. Муҳимтарини онҳо:

1. Куватов С. З. Водные ресурсы и политическая стабильность: контуры современной гидрополитики. [текст]/ С. З Куватов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук- №2/8, 2017. – С.- 292-297.

2. Куватов С. З. Место и значение гидрополитики в системе государственной политики. [текст]/ С. З Куватов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук - №6., 2018. - С. - 314-318.

3. Куватов С. З. Гидрополитика и ее основные направления [текст]/ С. З Куватов// Вестник Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. -№4., 2018.–С.82-85.

4. Қувватзода С. З. Ташаккули гидрополитика ва омӯзиши он ҳамчун фан ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ. [матн]/ С. З. Қувватзода// Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №4/1 (48)., 2020.-С. - 290-302.

5. Қувватзода С. З. Тавсифи умумии низоъҳои вобаста ба об дар шароити муосир. [матн]/ С. З. Қувватзода// Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №2 (51)., 2021. -С. - 266-274.

6. Кувватзода С. З. Региональная гидрополитика стран Центральной Азии. [текст]/ С. З. Кувватзода// Вестник Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. - №4/1 (53)., 2021. -С. - 199-206.

7. Кувватзода С. З. Значение водного потенциала Республики Таджикистан для стран Центральноазиатского региона. [текст]/ С. З. Кувватзода// Вестник Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. - №4/2 (54)., 2021. -С. - 289-300.

8. Қувватзода С. З. Масоили ҳамбастагии сиёсати обӣ бо сиёсати озуқаворӣ ва энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ (дар мисоли ҳавзаи дарёи Сир). [матн]/ С. З. Қувватзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ - №8, 2021. -С. - 296-301.

9. Қувватзода С. З. Ҷойгоҳи дарёҳои фаромарзӣ дар ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ. [матн]/ С. З. Қувватзода// Ахбори Институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - №1, 2022. -С. - 129-135.

10. Қувватзода С. З. Сабабу омилҳои ихтилофҳои вобаста ба об дар Шарқи Наздик. [матн]/ С. З. Қувватзода// Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №1 (55)., 2022. -С. - 257-266.

11. Кувватзода С. З. Эмомали Рахмон – основатель современной мировой гидрополитики. [текст]/ С. З. Кувватзода// Материалы V Международной научной конференции «Общественные и экономические науки в современных исследованиях». – Российская Федерация, Волгоград, 2020. – С. 45-64.

Кафедра натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Қувватзода С. З. «Сиёсати об ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи ҷаҳонӣ (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ)» чунин хулоса кард:

Тадқиқоти анҷомёфта аҳамияти муҳим дошта, рушди устувори давлатҳо дар шароити имрӯз аз дастрасии комил ба захираҳои об вобаста гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани қисми азими захираҳои оби минтақа мавқеи ҳалкунанда дошта, ҳамчун кишвари калидӣ дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ҷойгоҳи махсусро касб намудааст. Мубрамияти кори таҳқиқотии мазкур аз ҷиҳати дигар дар он ифода ёфтааст, ки масъалаҳои вобаста ба об, алалхусус мудирияти захираҳои об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз мавзуҳои хос маҳсуб меёбад.

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсиониро муаллиф дар муайян кардани мазмун, моҳият, хусусиятҳо ва мундариҷаи сиёсати об, тафсилоти нақши омили об ва таъсири мушкилоти об ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон додааст.

Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташуда муаллиф вазифагузорӣ намуда, омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои обӣ ва дар ин замина муайян кардани мафҳум, моҳият, мазмун, мундариҷа ва хусусиятҳои сиёсати об, пайгирии динамикаи таърихии ташаккули сиёсати об дар ҷаҳон ва Осиёи Марказӣ, таҳқиқи нақши омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, таҳқиқи мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои дипломатияи об, омӯзиши низоъҳои обӣ, сабабу омилҳои асосии сар задани онҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, арзёбии мушкилоти минтақавии вобаста ба об ва таъсири он ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ, муайян кардани қонуниятҳои асосии таъсири сохтории норасоии об ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ, арзёбии мушкилоти гидроэкологӣ ва таъсири манфии он ба амнияти минтақавӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ, омӯзиши аҳамияти «Раванди оби Душанбе» дар ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи об, арзёбии ҳамгунасозии қонунгузории миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар

соҳаи об, дарёфт ва пешниҳоди роҳҳои натиҷабахши танзим, идоракунӣ ва истифодаи захираҳои об дар асоси консепсияи ҷаҳонии ҳамгироӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ, муайян намудани дурнамои ҳамкории обии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва коҳиш ёфтани захираҳои об, омӯзиши афкори гидрополитикии олимону муҳақиқон ва ба системаи муайян даровардани онҳоро зарур арзёбӣ намудааст.

**Объекти таҳқиқотро** сиёсати об ва хусусиятҳои он дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ ташкил додааст.

**Мавзуи таҳқиқшаванда** захираҳои оби минтақа, ҳолат, мушкилоти идоракунӣ, истифода ва таъсири он ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Қувватзода С. З. дар таълифи диссертатсия аз сарчашмаҳои зиёд ва манобеъи густурдаи илмӣ, ҳамзамон бо назардошти фароилмӣ будани масъалаҳои вобаста ба об аз доираи васеи асноди расмӣ, алалхусус қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва созишномаю шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавии қабулнамудаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, санадҳои дахлдори қабулнамудаи СММ ва маводи иттилоотӣ истифода намудааст.

Дар равнди таҳқиқот муаллиф аз методҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таҳлил, синтез ба таври васеъ истифода бурдааст, ки дар асоси сарчашмаҳои расмӣ ва илмӣ, маводи иттилоотӣ, оморӣ, инчунин коркарди консептуалии олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ омӯзиши маҷмӯӣ ва динамикии объект ва предмети таҳқиқот анҷом дода шуда, унсурҳои муҳимтарин ва муносибатҳои онҳо муайян карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи сиёсати об бори нахуст дар Тоҷикистон ба таври васеъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст ва омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули сиёсати об, ҷойгоҳи он дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва аҳамияти он дар таъмини амнияти миллию давлатӣ таҳқиқ гардидааст.

Масъалаи бӯҳрони ҷаҳонии об, ҷойгоҳи мавзуи об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳон, амнияти обӣ ва ҷанбаҳои сиёсии идоракунии захираҳои об таҳлили илмӣ гардидаанд.

Дар асоси адабиёт ва сарчашмаҳои дигари мавҷуда раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули сиёсати об ва масъалаҳои вобаста ба он, ҷойгоҳи об дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва мушкилоти об дар Осиёи Марказӣ таҳлил гардида, тавсия ва пешниҳодҳои

судманд ҷиҳати идоракунии самарабахши захираҳои об дар минтақа манзур карда шуда, донишҳои гидрополитикӣ ба танзим ва системаи муайян даровarda шудаанд, ки онҳо саҳми шахсии довталабро нишон медиҳанд. Инчунин саҳми шахсии муаллиф дар шарҳи мафҳумҳо, қоидабандии илмии сиёсати об, низоъҳои обӣ, дипломатияи об ва гидрополитика инъикос ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир гардидааст, ки натиҷаҳои бадастомадаро метавон барои омода кардани курси махсус вобаста ба омӯзиши дипломатияи об, низоъшиносии обӣ, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, ҳангоми омӯзиши масъалаҳои вобаста ба об дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ, барои таҳияи барнома, стратегия ва консепсияҳои пешбурди сиёсати об ва масъалаҳои дигари вобаста ба он, ҷиҳати таҳкими қонунгузории миллӣ дар соҳаи об, ҳангоми таҳияи матни созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи об, ҳангоми омода кардани матни суханрониҳо, баромадҳо, маърӯзаҳо, мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ ба таври васеъ истифода намуд.

Дар баробари аҳамияти баланди назариявӣ ҳамзамон натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ аҳамияти баланди амалӣ дошта, онро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ вобаста ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба об, ҳангоми пеш бурдани музокиротҳо, гуфтушунидҳо, бастани шартномаҳо ва созишномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи об, дар раванди таҳияи сиёсати минтақавии давлатӣ дар соҳаи об ва пешбурди сиёсати об, ҷиҳати пешгирӣ ва ҳалли ихтилофҳо ва низоъҳои вобаста ба об, омода кардани курси махсуси «Гидрополитика» ва ба роҳ мондани омӯзиши он, дар раванди пешбурди фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ, барои омода намудани тавсияҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва минақавӣ истифода намудан зарур аст.

Диссертант аҳамияти сиёсии мавзуи интихобшудаи таҳқиқотро, яъне зарурати коркарди назариявию методологии он, инчунин механизми татбиқи назариявию амалии натиҷаҳои он дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама дар қаринаи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об ба таври боварибахш нишон додааст. Кори диссертатсионӣ, ки довталаб барои ҳимоя пешниҳод кардааст, аз мукаддима, панҷ боб, 13 зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт иборат аст ва дар илми ватанӣ яке аз аввалин таҳқиқотест, ки дар он кушиши таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати об дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан дар Осиёи Марказӣ сурат гирифтааст.

Дар таҳқиқоти Қувватзода С. З. доираи васеъи масъалаҳои марбут ба сиёсати об дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқот собит сохтааст, ки татбиқи барномаҳои рушди ҳар як давлати ҷаҳон аз татбиқи босамари сиёсати об ё

гидрополитика вобастагии амиқ дорад. Қисми аввали диссертатсияи Қувватзода С.З. ба таҳлили назариявӣ ва методолгии сиёсати об ва хосиятҳои хоси он, ҷойгоҳи об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳони имрӯз ва равишҳои консептуалии омӯзиши сиёсати об бахшида шудааст. Дар ин қисми таҳқиқоти худ Қувватзода С.З. ба маварид қайд менамояд, ки дар ҷаҳони муосир вазъи захираҳои об як мушкилоти сиёсии глобалӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори ғании захираҳои об буда, дар минтақаи ташаккули ҷараёни оби дарёҳои фаромарзӣ ҷойгир буда, барои ҳалли ин мушкилот дар маркази таваҷҷуҳи кишварҳои минтақа ва тамоми ҷаҳон қарор дорад.

Диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта мебошад. Он тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа ва дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 13-нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тафардор»-13 нафар, «муқобил»- нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи №9 аз 27 апрели соли 2022.

Доктори илмҳои сиёсӣ,
профессори кафедраи дипломатия
ва муносибатҳои байналмилалӣ — Р. Қ. Алимов

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа — Ф.Ш. Саидамирова

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои таърих — А.А. Мамадазимов

Имзоҳои Р. Қ. Алимов, Ф.Ш. Саидамирова
ва А.А. Мамадазимовро тасдиқ менамоям,
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — О. О. Бобозода